# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА–107-и назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Шарифӣ Субҳиддин Ҳабибулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 - Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051001 - Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ), пешниҳод шудааст.**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-107-и назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов А.Б. (раиси комиссия), доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Содиқов М.С. (аъзои комиссия) ва доктори илмҳои таърих, дотсент Ализода Б.П. (аъзои комиссия) таҳқиқоти диссертатсионии Шарифӣ Субҳиддин Ҳабибулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 - Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051001 - Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ)-ро мавриди омӯзиш қарор дода, хулосаи зерин қабул намуд.

1. Кори диссертатсионии Шарифӣ Субҳиддин Ҳабибулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти шахсии докторант ба шумор меравад. Андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаву тавсияҳо, ки барои такмили механизми рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод гардида, барои рушди иқтисоди кишвар метавонанд мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия марбут мебошанд. Ҳамаи корҳои

иҷрогардида аз ҷониби докторанти фалсафа (PhD) - Шарифӣ С.Ҳ. мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои бадастомада таҷассуми худро ёфтаанд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 1, 11, 12, 21 ва 35 -и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Диссертатсия масоили марбут ба рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути шарикии давлат бо бахши хусусиро фаро гирифта, тавсияҳои он барои рушди коммуникатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодат хоҳад кард.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D051000 - Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051001 - Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри соли 2025, №474/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя иҷозат дода шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар дигар нашрияҳо ба нашр расонида шудаанд, ки ҳамаи онҳо ба мавзуи диссертатсия бевосита иртибот доранд. Дар интишороти илмӣ натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мувофиқ мебошанд.

5. Дар матни диссертатсияи Шарифӣ Субҳиддин Ҳабибулло истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" гувоҳӣ медиҳанд.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Шарифӣ Субҳиддин Ҳабибулло маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд нестанд.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60,61 ва 62-и "Низомномаи Шурои диссертатсионӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти , №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шарифӣ Субҳиддин Ҳабибулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯй ихтисоси 6D051000 - Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051001 - Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ), ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–107-и назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад;

2. Бо пешниҳоди Комиссияи ташхисии шурои диссертатсионии мазкур муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Самандарзода Искандар Ҳусейн,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур;

- **Ҷалилов Умарҷон Ҷамилович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муқаррар карда шавад;

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, инчунин барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ — Мирсаидов А.Б.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои таърих, дотсент
аъзои шурои диссертатсионӣ — Ализода Б.П.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
аъзои шурои диссертатсионӣ — Содиқов М.С.

Имзоҳои Мирсаидов А.Б., Ализода Б.П. ва Содиқов М.С.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п, — Насурдинзода А.Н.

«10» 03 2026